ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатионӣ аз 20.10.2026 таҳти № 13

Барои сазовор донистани Мансурзода Наргиса Мансур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ 16 июни соли 2026, таҳти №8 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2024, №184ш/д) ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мансурзода Наргиса Мансур шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-майи соли 1983 таваллуд шудааст. Соли 2006 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ хатм намудааст. Мансурзода Наргиса Мансур унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба ҳисоб мерафт.

Мансурзода Н.М. омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Мансурова Ҷамила Сулаймоновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Муқарризони расмӣ:

1. Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

2. Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар) дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика Бобоева Г.Ш. навишта шуда, дар

ҷаласаи муштараки кафедраи педагогика ва кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Протоколи № 2-А аз 23 сентябри соли 2026) баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. санаи 29 сентябри соли 2026 тасдиқ шудааст.

Дар тақризи додашудаи муассисаи пешбар қайд карда шудааст, ки диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ кори мукаммали илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 6 мақолаи илмии унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд.

Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:

А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-А] Ҳайдарова, Н.М. Методологияи таълимоти педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] Ҷ.С. Мансурова, Н.М. Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе, 2023.- №4-1 (18). С. 42-50. ISSN 2708-5759.

[2-А] Ҳайдарова, Н.М. Ҳолатҳои воқеи ва роҳу имкониятҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи адабиёти бадеӣ. [Матн] Н.М. Ҳайдарова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Душанбе, 2024.- №2 (51). С. 202-207.

[3-А] Ҳайдарова, Н.М. Асосҳои ташаккули назариявии сифатҳои ахлоқии гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. [Матн] Н.М. Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2024. №11(қисми1). С. 319-331 ISSN 2074-1847.

[4-А] Мансурзода, Н.М. (Ҳайдарова Н.М.) Истифодаи афкори инсонпарваронаи мутафаккирони тоҷику форс дар таълиму тарбияи синфҳои ибтидоӣ. [Матн] Н.М. Ҳайдарова // Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ» Хуҷанд, 2025. №2 (83). С.90-97 ISSN 2077-4990.

[5-А] Мансурзода, Н.М. Таҳлили назариявии проблемаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ. [Матн] Н.М. Мансурзода Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2026. № 2, С. 301-314 ISSN 2074-1847

[6-А] Мансурзода, Н.М. Моҳияти арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ ва имкониятҳои адабиёти бачагона дар ташаккули онҳо. [Матн] Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ» Хуҷанд, 2026, №2 С. 72-77. ISSN 2077-4990.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ ва амалӣ нашр гардиданд:

[7-А] Мансурзода, Н.М. (Ҳайдарова, Н.М.) Таъсири ғояҳои мутафаккирони тоҷику форс ба методикаи таълими синфҳои ибтидоӣ. [Матн] Мансурова Ҷ.С., (Н.М. Ҳайдарова) Н.М. Мансурзода // Стефанос № 5 (73) - С. 97-107 ISSN 2309-9917 (РИНЦ).

[8-А] Ҳайдарова, Н.М. Ҷанбаҳои педагогикаи башардӯстӣ. [Матн] Н.М. Ҳайдарова// Конференсия байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи Асосҳои назариявӣ- методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир". - Душанбе, 2024, С. 294-296

[9-А] Ҳайдарова, Н.М. Шароити педагогӣ ва психологии воситаҳои ташаккули қобилиятҳои гуманистӣ маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифодаи адабиёти бачагона. [Матн] Н.М. Ҳайдарова // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ҳамчун омили тағйирёбии иҷтимоӣ". ш. Белгород, 27 июня 2024, С. 55-58

[10-А] Ҳайдарова, Н.М. Асосҳои тарбияи башардӯстӣ дар мактаббачагон. [Матн] Н.М. Ҳайдарова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона", Душанбе, 15 апрели соли 2024, С. 69-71.

[11-А] Ҳайдарова, Н.М. Салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди озмоиш аз истифодаи адабиёти бадеӣ ва таҳлили муқоисавии натиҷаҳои он. [Матн] Н.М. Ҳайдарова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона", Душанбе, 15 апрели соли 2024, С.81-84

[12-А] Мансурзода, Н.М. Самаранокии истифодаи муносибати босало{ият дар тарбияи ахлоқӣ башардустии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] // Н.М. Мансурзода // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ бахшида ба «35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе, 23.02.2026 С. 367-369.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1. Тағозода Ганҷина Эргаш – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забои ва адабиёти рус Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода. Муқарриз эрод надорад.

2. Бобозода Бахтовар Сулаймон – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Муқарриз эрод надорад.

3. Султанова Д.Х. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими кафедраи забони русии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино». Устод Султанова Д.Х. қайд мекунад, ки новобаста аз ин дар автореферат баъзе иштибоҳоту норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши диссертант ба манфиат мебошанд:

1. Дар баъзе ҷойҳои автореферат мавқеи истифодабарии аломатхои пунктуатсионӣ: "тире " ва "дефис" риоя карда нашудааст. Камбудиҳои мушоҳидакардашуда мазмун ва мундариҷаи корро халадор намекунанд.

4. Наврузова Г.Т. – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Устод Наврузова Г.Т. дар тақризи худ қайд намудааст, ки новобаста ба дастовардҳо дар кори таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳо мушоҳида мегардад:

1. Дар кор баъзе хатоиҳои ҷузъи ва техникӣ дида мешавад. Вале ин камбудиҳо мазмуни кори диссертатсиониро халалдор намегардонад.

Интихоби муқарризони расмӣ дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

- аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот **таҳлил ва баҳо дода шуда,** истифода бурдан аз шаклу усулҳои муфиди он ҳангоми ҷорӣ намудани асосҳои илмӣ-методии истифодаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ **омӯхта шудааст;**

- раванди сифати таълими забони тоҷикӣ дар дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ оид ба педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ, забоншиносӣ, равоншиносӣ, муқаррароти назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **ошкор ва муайян карда шудааст;**

- самтҳои асосҳои илмӣ-методии истифодаи самаранокии омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар МТМУ дар асоси салоҳияти иртиботӣ дар таҷриба **ошкор карда шудаанд;**

- асосҳои илмӣ-методии истифодаи маълумоти илмӣ дар бораи малакаҳои нутқ, тафаккур ва салоҳияти иртиботии хонандагон ба даст омаданд, ки ба густариши заминаи педагогӣ ва равонӣ барои таҳияи системаи аз ҷиҳати методӣ самарабахши кор оид ба такмил додани нутқи хонандагон мусоидат намуда, ба таври васеъ **татбиқ карда шудаанд;**

- тамоюлҳои рушди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ ба хонандагон зимни таълими арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **муқаррар карда шудаанд;**

- марҳилаҳои ташаккули моҳият ва мазмуни низоми асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **муайян карда шуда,** ҷанбаҳои педагогию психологии раванди таълим **ба инобат гирифта шудааст;**

- асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ташкил карда шуда, самаранокии он **натиҷагирӣ ва муқоиса карда шудааст;**

- асосҳои илмӣ-методии таълими таҳия шуда, технологияи омӯзиши мафҳумҳои арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим **таҳия шудаст;**

- натиҷаҳои таҳқиқот оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ба тариқи озмоишӣ **мавриди санҷиш қарор дода шудааст;**

– амсилаи (барномаи) методе, ки раванди азхудкунии маъноҳои арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ бо вазъияти воқеии муошират пайваст мекунад**, коркард ва пешниҳод шудааст.**

Аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария бо он асоснок карда шудааст, ки:

- таҳқиқоти олимон оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ҳаматарафа **мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;**

- проблема ва асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **муайян ва коркард карда шудаанд;**

- самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **аз тариқи баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит карда шудаанд;**

- вазъи коркарди методии масоили вобаста истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **муайян карда шудаанд;**

- дар асоси хулоса ва муқаррароти назариявӣ, ки дар мазмуни диссертатсия инъикос ёфтаанд, барои омӯзгорон тавсияҳои методӣ оид ба

таълими забони тоҷикӣ дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ **коркард ва пешниҳод шудаанд;**

- маҷмӯи махсуси вазъиятҳои проблемавӣ кор карда шудаанд, ки омӯзгорон метавонанд дар ҷараёни таълим вобаста ба амалӣ намудани асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **истифода баранд;**

- маводи таҳқиқоти диссертатсиониро **метавон** дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тайёр намудани омӯзгорон **истифода намуд;**

- тавсияҳои илмӣ-методии коркард ва пешниҳодшуда метавонанд тасаввуроти унвончӯён ва аспирантонро оид ба масъалаи мазкур **ғанӣ гардонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим **қарор гиранд.**

Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

- роҳу усулҳои асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир **коркард карда шудаанд;**

- интихоби афзалиятҳои махсус ҳангоми татбиқи асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар ҷараёни таълим **ошкор карда шудааст;**

- барномаи мукаммал бо назардошти хусусияти махсуси истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **омода гардидааст;**

- мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои махсуси ташкили корҳои гуногуни муасири таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар шароити татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф **муайян карда шудаанд;**

- шаклу воситаҳои рақобат пайдо намудани хонандагон дар истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиӣ дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бо назардошти хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва қобилияту шавқу завқи донишҷӯён **аниқ карда шудаанд;**

– дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо роҳҳо ва методҳои таъсирбахши таълим, ки ба омилҳои асосӣ ва қонуниятҳои технологияҳои фаъолияти таълимии дар асосҳои илмӣ-методӣ қарордоштаи раванди омӯзиши забони тоҷикӣ такя мекунанд, **истифода шудаанд;**

– асосҳои илмӣ-методии истифодаи калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ва аҳамияти он дар ташаккули зеҳни хонандагон шарҳу тафсир карда шуда, дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ мафҳуми методикаи таълими ҳамчун як қисми таркибии дидактика ҷиҳати рушди инкишофи зеҳнии хонандагон **асоснок карда шудааст;**

- дар асоси натиҷаҳои амалии таҳқиқот тавсияҳои методӣ таҳия ва иҷро шудаанд, ки имконият медиҳанд бо истифода аз онҳо нерӯи зеҳнии **ташккул дода шавад;**

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳияи диссертатсияву корҳои дигар илмӣ васеъ **истифода шаванд.**

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо **бо асосҳои зерин нишон додаанд:**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот пайваст буда, инкишофи нерӯи зеҳнии хонандагонро дар ҷараёни ҷорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон **таъмин менамоянд;**

- натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо роҳи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмӯи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бар омада, бо роҳи пурра кардани методикаҳои гуногун ва такя ба таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми гузаронидани пурсишномаҳо ва пурсишҳои даҳонӣ **ба даст омадаанд;**

- корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои санҷиш ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон то озмоиш ва баъди озмоиш **асос ёфтанд;**

- хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ **пешниҳод шудаанд**;

- ба таври кофӣ **далелнок карда шудани** муқаррароти назариявии таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмии педагогию психологӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот;

- **натиҷаву дастовардҳои таҳқиқот** бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотию методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, **таъмин карда шудаанд**;

- таҷрибаи пешқадами омӯзгорон оӯхта шуда, дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ **мавриди истифода қарор дода шудаанд**;

- **баррасии натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ.;

- **инъикоси муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот** дар мақолаҳои илмии муаллиф;

- **асоснок кардани нуқтаҳое**, ки дар фарзияи корӣ пешниҳод шудаанд, **муқоиса ва таҳлили натиҷаҳои** бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, **таҷрибаи шахсии муаллиф** ба сифати ташкилотчии корҳои таҷрибавию озмоишӣ ва омӯзгори муассисаи таълимӣ.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз иштироки бевоситаи муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмий, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмӯи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот; дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат аст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2026 дар бораи сазовор донистани Мансурзода Наргиса Мансур бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви шурои диссертатсионӣ, 14 нафар иштирок доштанд, 5 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Г.Б.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Абдуллоева Т.М.**

20 октябри соли 2026